# ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Қоидаҳои**
**ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонидани маводи натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Душанбе - 2026**

Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонидани маводи натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дигар қонунҳо, Стандарти Палатаи ҳисоб (СПҲ -100) ва “Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2005, №1570 тасдиқ карда шудааст, таҳия гардида, муносибатҳоро дар ин самт ба танзим медарорад.

Қоидаҳои мазкур муқаррароти умумӣ, доираи амал, ҳолатҳои ҳатмӣ будани фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муҳлат ва тартиби фиристодани мавод, қабули мавод ҳангоми баргардонидан ба чорабинии аудитории иловагӣ ва такрорӣ, масъулият, назорат ва ҳисоботи риояи онро фаро мегирад.

Қоидаҳо барои аудиторони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони манфиатдори соҳаи дахлдор тавсия дода шуда, ҷиҳати пешрафти фаъолияти онҳо барои бо тартиби муайян пешниҳод намудани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ мусоидат менамояд.

*Бо қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 декабри соли 2025, №41.15 тасдиқ шудааст.*

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии
Тоҷикистон ., 2026.

Қоидаҳои
ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонидани маводи натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

*I. Муқаррароти умумӣ*

1. Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонидани маводи натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Қоидаҳо) дар асоси талаботи моддаи 39 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дигар қонунҳо, Стандарти Палатаи ҳисоб (СПҲ-100) ва “Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш”, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2005, №1570 тасдиқ карда шудааст, таҳия гардида, муносибатҳоро дар бораи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ танзим менамояд.

2. Барои мақсадҳои дар ҳамин Қоидаҳо пешбинишуда мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- чорабинии аудиторӣ – маҷмуи амалҳои касбии аудитор, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи стандартҳои аудит дар асоси барномаи аудиторӣ, омодагӣ, ҷамъоварии далелҳо, таҳияи ҳисоботу хулоса ва пешниҳоди тавсияҳо амалӣ карда мешаванд;
- аудитор – корманди ваколатдори Палатаи ҳисоб, ки ҳуқуқи гузарондани чорабиниҳои аудиториро дорад;
- объекти аудит – корхона, муассиса ва ташкилотҳои дигар, ки бо аудит фаро гирифта шудаанд;
- хулосаи аудиторӣ – ҳуҷҷати расмӣ, ки мутобиқи стандартҳои аудит оид ба дурустии лоиҳаи буҷети давлатӣ ва ҳисоботи маҷмуии иҷрои он, инчунин, ҳисоботҳои маҷмуии ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва субъектҳои хоҷагидори давлатӣ таҳия ва пешниҳод мегардад;
- хешутаборӣ – ин пайванди ҳуқуқӣ ва иҷтимоии байни шахсон мебошад, ки дар асоси насаб, ақди никоҳ ё муносибатҳои аз ҷониби қонун муқарраргардида ба вуҷуд омада, мавқеи ҳуқуқӣ, доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳоро дар муносибатҳои оилавӣ ва дигар муносибатҳои танзимшавандаи қонунгузорӣ муайян менамояд;
- зиддиятҳои шахсӣ – ин ихтилофи байнишахсӣ мебошанд, ки дар натиҷаи мухолифати манфиатҳо, мавқеъгирӣ, арзишҳо ё рафтори иштирокчиён ба вуҷуд омада, ба муносибатҳои ҳуқуқӣ, хизматӣ ё иҷтимоии онҳо таъсир мерасонанд.

*II. Доираи амали ин Қоидаҳо*

3. Иҷрои Қоидаҳои мазкур барои кормандони Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Палатаи ҳисоб) ҳатмӣ мебошад.

*III. Ҳолатҳои ҳатмӣ будани фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ*

4. Палатаи ҳисоб дар ҳолатҳои зерин вазифадор аст, новобаста аз натиҷаҳои чорабиниҳои аудиторӣ маводи натиҷаи чорабинии аудиториро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ ирсол намояд:

- дар ҳолати бо талаби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронида шудани чорабинии аудитории мазкур;

- дохил шудани дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо маводҳо ва парвандаҳои ҷиноятии дар истеҳсолоташон қарордошта оид ба ирсоли маводи чорабинии аудиторӣ тибқи нақшаи кории Палатаи ҳисоб гузаронидашуда;

5. Аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ дар объекти аудит, дар сурати муайян гардидани ҳолатҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, дар давраи аудит ё дар мӯҳлати муқарраршуда ҷуброн накардани зарари расондашуда ва дигар вайронкуниҳои қоидаҳои молиявӣ дар фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ, ки аломати ҷиноятро доранд, ҳатман ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ ирсол карда мешавад.

*IV. Мӯҳлат ва тартиби фиристодани мавод*

6. Фиристонидани маводҳо аз натиҷаи чорабинии аудиторӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар асоси гузориши сараудитор ё сардори раёсат ба раиси Палатаи ҳисоб ё муовини он дар мувофиқа бо шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб, амалӣ карда мешавад.

7. Шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб дар асоси дастури раиси Палатаи ҳисоб мутобиқатии маводро ба Қоидаҳои муқарраргардида ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар муддати на дертар аз 5 рӯз омӯхта, хулосаи худро ба раиси Палатаи ҳисоб пешниҳод менамояд. Дар заминаи дастури раиси Палатаи ҳисоб дар ҳолати ҷой надоштани камбудиҳо хулосаи сардори шуъбаи ҳуқуқ ба баррасии ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб пешниҳод карда мешавад. Дар ҳолати ҷой доштани камбудиҳо маводҳо барои ислоҳ ва бартараф намудан ба аудитори масъул баргардонида мешавад.

8. Аудитори масъул камбудиҳои мавҷударо ислоҳ намуда, барои пешниҳоди мавод имзои корманди шуъбаи ҳуқуқ ва дигар шахсони масъулро гирифта, дар асоси мактуб ва бо нишон додани замимаи мавод барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ирсол намудан ба раиси Палатаи ҳисоб манзур менамояд.

9. Баъди аз ҷониби раиси Палатаи ҳисоб ва ё муовини он ба имзо расидани мактуби содиротӣ, он дар мӯҳлати на дертар аз 5 рӯз аз рӯйи тобеияти идоравӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристода мешавад. Мактуб, маводҳои замимашаванда ва натиҷаи қарори қабулгардида дар раёсати таҳлил, рушд, стандартҳо ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бақайд гирифта шуда, мавриди таҳлилу ҷамъбаст қарор дода мешавад. Баррасии маводҳо дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби шуъбаи ҳуқуқ пайгирӣ карда мешавад.

10. Маводи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ фиристодашаванда аз рӯйи ҳаҷм ва мазмун бояд, барои аз рӯйи онҳо қабул

намудани қарори қонуниву асоснок кофӣ бошад ва ҳуҷҷатҳои зеринро дар бар гирад:

- мактуби роҳбар бо зикри пурраи асоси гузаронидани чорабинии аудиторӣ ва фиристодани мавод ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ;

- нусхаи фармон ё қарор дар бораи таъин кардани (гузаронидани) чорабинии аудитории мазкур;

- санад ё ҳисобот оид ба натиҷаи чорабинии аудиторӣ бо инъикоси:

- асос, мақсад, намуд, мавзуъ ва объекти аудит, санаи оғоз ва анҷоми аудит, давраи бо аудит фарогирифташуда, ному насаб ва вазифаи аудитор;

- маълумотҳо оид ба санаи таъсисёбӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, суроғаи ҳуқуқӣ, мушаххасоти бонкӣ, сана ва ҷойи ба қайди давлатӣ гирифтан, соҳаҳои фаъолияти объекти аудит бо замимаи нусхаи санадҳои таъсисии он;

- вазъи фаъолияти хоҷагидорӣ ва молиявӣ, иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва буҷетӣ вобаста ба давраи чорабинии аудиторӣ;

- моҳияти дақиқи ҳар як вайронкунии қоидаҳои муайяншуда, бо зикри қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқии муқарраргардидаи вайроншуда ва бо истинод ба санаду ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, миқдори маблағи муайяншуда ва маблағи дар рафти чорабинии аудиторӣ барқароршуда, дигар оқибатҳои кирдорҳои ғайриқонунӣ бо зикри ному насаб ва вазифаи шахсони ба вайронкунии қоидаҳои молиявӣ дастдошта;

- санади алоҳида (фосилавӣ) бо имзои аудитор ва шахси ҳисоботдиҳандае, ки вайронкунии қоидаҳои молиявӣ дар фаъолияти ӯ муайян шудааст;

- ҳуҷҷати асл ё нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншударо тасдиқ менамоянд, рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки намерасанд ё пешниҳод карда нашудаанд;

- тавзеҳоти (баёноти) шахсоне, ки дар фаъолияташон вайронкунии қоидаҳои молиявӣ муайян карда шудааст ва дигар тавзеҳоте, ки барои аудити ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои муайяншуда аҳамият дорад, бо хулосаи аудитор, доир ба асоснокии ваҷҳҳои дар тавзеҳот овардашуда (дар шакли ҳуҷҷати алоҳида ё инъикос дар матни санад ё ҳисоботи аудиторӣ);

- ҳуҷҷатҳои барои асоснoккунии мавқеи худ пешниҳоднамудаи шахси мансабдор ё шахси ҳисоботдиҳанда, ки аз тарафи аудитор ба инобат гирифта нашудаанд, хулосаи аудитор дар бораи сабабҳои ба инобат нагирифтани онҳо;

- нусхаи шиноснома, фармон (қарор) дар бораи ба кор қабул намудан, нусхаи дастурамали мансабӣ ва нусхаи шартнома дар бораи ҷавобгарии пурраи моддии шахси ба вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншуда роҳдода;

- нусхаи қарор ё ҳуҷҷати дигар оид ба муҳокима ва чораҳои аз рӯйи натиҷаҳои аудити мазкур андешидаи роҳбарияти объекти аудит;

- дигар ҳуҷҷатҳое, ки зарурияти онҳо аз ҳолатҳои мушаххас бармеояд.

11. Санад ё ҳисоботи аудиторӣ аз ҷониби роҳбари гурӯҳи чорабинии аудиторӣ, роҳбар ва сармуҳосиби (муҳосиби калони) объекти аудит, дар ҳолатҳои зарурӣ аз ҷониби роҳбар ва сармуҳосиби (муҳосиби калони) собиқи

ин объект, ки вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншуда ба давраи фаъолияти онҳо рост меояд, имзо карда мешавад.

Санад ва ё ҳисоботи аудитории иҷрои буҷети давлатӣ, инчунин, аз ҷониби сардори раёсати (шуъбаи) буҷетӣ, сардори нозироти буҷетӣ ё нозири калони (нозири) раёсати (шуъбаи) молияи вилоят, шаҳр ё ноҳияи дахлдор имзо карда мешавад.

Дар ҳолати саркашӣ намудани шахси мансабдор аз шиносшавӣ бо санад, ҳисобот ё хулосаи чорабинии аудиторӣ ё имзо намудани он, аудитор бо иштироки шоҳидон бо нишон додани сана ва ҳолатҳои саркашӣ санад тартиб медиҳад.

12. Зимни ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ фиристодани мавод, дар парвандаи раёсати дахлдор нусхаи санад, хулоса ё ҳисоботи чорабинии аудиторӣ, нусхаи тавзеҳоти (баёноти) шахсони ба вайронкунии қоидаҳои молиявии муайяншуда роҳдода, нусхаи ҳуҷҷатҳои асосии ин қоидавайронкуниҳоро тасдиққунанда, инчунин, ҳуҷҷати ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз рӯйи тобеияти идоравӣ дохилшавии ин маводро тасдиққунанда, нигоҳ дошта мешаванд.

*V. Қабули мавод ҳангоми баргардонидан ба чорабинии аудитории иловагӣ ва такрорӣ*

13. Маводҳои Палатаи ҳисоб дар ҳолате аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ баргардонида мешавад, ки агар он аз рӯйи ҳаҷм ва мазмун ба талаботи банди 10 ҷавобгӯ набуда ё хилофи тартиби дар банди 11 Қоидаҳои мазкур пешбинишуда ба расмият дароварда шуда бошад.

Маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ, ки барои пурра намудан ба Палатаи ҳисоб баргардонида шудааст, бояд асоси онро мактуби роҳбарияти мақомоти дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ё муфаттиш, бо нишон додани асосҳои бозпас гардонидан, роҳҳои ислоҳи камбудиҳо ва чораҳои дигари зарурӣ ташкил намояд.

Агар дар мактуби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳлати дигаре пешбинӣ нашуда бошад, аудитор вазифадор аст, давоми на дертар аз 10 рӯз ҳама амалҳои зарурӣро оид ба пурра намудани мавод анҷом дода, онро аз нав ба баррасии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонад.

14. Аудити иловагӣ дар ҳолати ба миён омадани зарурияти муайян намудани масъалаҳои алоҳида, ки зимни аудити қаблӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд ё пурра муайян карда нашудаанд, гузаронида мешавад.

Ҳамчунин, бинобар номутобиқатии ҳисоботи пешниҳодгардида ба барномаи тасдиқшуда, пурра ва ҳаматарафа набудани баҳодиҳии зарари ба давлат расонидашуда аз рӯйи камбудиҳои муайянгардида, мавҷуд набудан ва ё номувофиқ будани пешниҳодҳо ба маводҳои натиҷаи чорабинии аудиторӣ, аудити иловагӣ гузаронида мешавад.

Гузаронидани аудити иловагӣ дар асоси қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб амалӣ гардида, мумкин аст ба аудитори қаблӣ вогузор карда шавад.

Агар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муҳлати дигаре муқаррар накарда бошад, аудити иловагӣ бояд дар муҳлати на дертар аз 15 рӯз анҷом дода шавад. Дар ҳолати зарурат ин муҳлат метавонад бо мувофиқаи мақоми дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ё қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дароз карда шавад.

15. Аудити такрорӣ пурра аз нав гузаронидани чорабинии аудиториро фаро гирифта, дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- агар аудити қаблӣ аз тарафи шахси ба гузаронидани он ваколатнадошта гузаронида шуда бошад;
- дар сурати рӯякӣ ва сатҳӣ гузаронида шудани аудити қаблӣ, ки дар асоси он қабули қарори қонуниву асоснок ғайриимкон мебошад;
- агар аудити қаблӣ бе иштироки шахси ҳисоботдиҳанда ё шахси мутасаддӣ гузаронида шуда, ин шахс зимни пурсиш дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ натиҷаҳои аудити гузаронидашударо асоснок баҳс намояд;
- ҳолати хешутаборӣ ё зиддиятҳои шахсӣ байни аудитор ва роҳбари объекти аудит ё шахси ҳисоботдиҳанда муайян карда шавад;
- дигар ҳолатҳое, ки воқеъбинона ва холисона сурат гирифтани аудити қаблиро шубҳанок менамоянд.

Аудити такрорӣ аз ҷониби мутахассисони дар чорабинии аудитории қаблӣ иштироknадошта гузаронида шуда, дар муҳлати давомнокиаш баробар ба муҳлати барои чорабинии аудитории қаблӣ муқарраршуда анҷом дода шавад. Дар ҳолати зарурат ин муҳлат метавонад бо мувофиқаи мақоми дахлдори ҳифзи ҳуқуқ ё қарори ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб дароз карда шавад.

16. Аудити иловагӣ ё такрорӣ дар асоси қарори асосноки шахси ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, муфаттиш ё ҳайати мушовараи Палатаи ҳисоб таъин карда мешавад.

17. Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад, аз болои қарорҳо ва ҳаракатҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои баргардонидани мавод ҷиҳати пуррагардонӣ, таъин намудани аудити иловагӣ ва такрорӣ ба прокурор ва ё суд аз болои ҳамин гуна қарорҳои мақомоти прокуратура бошад, ба прокурори болоӣ ва ё суд, шикоят намояд;

18. Чунин шикоят иҷрои қарори баҳсшавандаро боз дошта, бояд дар муҳлати на дертар аз 10 рӯз баррасӣ гардад ва дар бораи натиҷаҳои он ба Палатаи ҳисоб хабар дода шавад.

*VI. Масъулият барои вайрон кардани Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ*

19. Барои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешниҳод накардан ё сари вақт пешниҳод накардан, инчунин, пинҳон кардани маводи натиҷаи чорабинии аудитории дорои маълумотҳо дар бораи ҷиноят ва дигар вайронкунии қоидаҳои молиявӣ, ки бояд дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қайд ва баррасӣ гарданд, сараудитори самти фаъолият ва шахсони масъули Палатаи ҳисоб ба ҷавобгарии интизомӣ ва дигар намуди ҷавобгарии пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон кашида мешаванд.

*VII. Назорат ва ҳисоботи риояи Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ*

20. Назорати риояи Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодани маводи натиҷаи чорабинии аудиторӣ аз ҷониби раис ва сараудитори (сардори раёсат) Палатаи ҳисоб, инчунин, ҳисоботи он аз ҷониби шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

*(Намуна)*

Ба Раиси Палатаи ҳисоби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
муҳтарам ________________________

Аз номи__________________________
(ному насаб, вазифа, суроғаи зист, телефон)
__________________________________
__________________________________
__________________________________
__________________________________
__________________________________
__________________________________

# Т А В З Е Ҳ О Т

"___"_____с.202__ ш.Душанбе

Дар ҳақиқат дар суроғаи боло кор ва зиндагонӣ менамоям, вобаста моҳияти кор ҳаминро гуфтаниям, ки ____________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________
______________________________________________________________________

Тавзеҳот аз суханҳои худам ва бо дасти худам навишта шуда, дурустии онро бо имзои худ тасдиқ менамоям.

______________________________________________________________________
(Ному насаб, имзо, таърихи рӯз)

*(Намуна)*

## ПАЛАТАИ ҲИСОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## С А Н А Д

"__"______с.202__ шаҳри Душанбе

*(Оид ба саркашӣ намудани шахси мансабдор аз шиносшавӣ бо санад, ҳисобот ё хулосаи чорабинии аудиторӣ ё имзо намудан дар он)*

Мо зеримзокунандагон – дар ҳайати аъзоёни комиссия *(ному насаб ва мансаби ишғолнамуда)* Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва *(ному насаб ва мансаби ишғолнамудаи намояндаи объект)* санади мазкурро дар он хусус тартиб додем, ки дар асоси мактуби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ____ "___" соли 202__, №___ *(ё нақшаи умумии солонаи чорабиниҳои аудитории Палатаи ҳисоб)* ва фармоиши Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ___ "___" соли 202__, №___ аз ҷониби *(ному насаби аудитор)* дар *(номи объекти аудит)* чорабинии аудиторӣ гузаронида шуд.

Натиҷаи аудит муайян намуд, ки аз ҷониби *(ному насаб ва мансаби ишғолнамудаи шахси масъул)* меъёрҳои талаботи қонунгузории амалкунандаи дахлдор риоя нагардида, маълумотҳои таҳрифшуда дар ҳисоботҳои молиявӣ ҷой ва бо ин амал ба вайронкунииии қоидаҳои молиявӣ роҳ дода шудааст.

Номбурдагон новобаста аз шинос гардидан ба маводҳои дахлдор ва якчанд маротиба даъват намудан, аз гузоштани имзо ва додани тавзеҳот саркашӣ намуда, ба ҳар баҳона ба санад ва хулосаи чорабинии аудиторӣ имзо нагузоштанд.

Бинобар ин, ба санади мазкур бо зикри мавҷудияти эродҳо ва ё эътироз мутобиқ ба талаботи қисми 4 моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва банди 11 "Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристонидани маводи натиҷаи чорабинии аудитории Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои саркашӣ намудани *(ному насаби шахси масул)* аз шиносшавӣ бо санад, ҳисобот ё хулосаи чорабинии аудиторӣ ё имзо намудан дар он, аз тарафи аъзоёни комиссия имзо гузошта мешавад.

Санади мазкур дар ду нусха тартиб дода шуда, яке аз он ба *(объекти аудит)* ва нусхаи дуюм бо хулоса ҳамроҳ карда мешавад.

Аъзоёни комиссия:
*(ному насаби аъзоёни комиссия бо тартиби муқаррargardида ва имзои онҳо)*

***(Намуна)***

*Ба*_______________________________

_______________________________

_______________________________

_______________________________

*Аз “____”_________с.202___*
*№№____________________*

**ДАРХОСТИ АУДИТОРӢ**

Дархости мазкур, бо мақсади таъмини иҷрои талаботи моддаҳои 7, 40 ва 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” оид ба ваколат ва уҳдадориҳои корманди мақоми олии аудити давлатӣ амалӣ карда мешавад.

Иҷрои талаботи дархости аудиторӣ тибқи ваколатҳои Палатаи ҳисоб вобаста ба гузарондани аудити берунаи мустақили давлатӣ нисбат ба ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба объектҳое, ки воситаҳои буҷетиро истифода намудаанд, новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, татбиқ гардида, амалисозии сиёсати давлатиро дар соҳаи молияи давлатӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ фаро мегирад.

***Номи раёсати Палатаи ҳисоб:*** Раёсати аудити соҳаҳои иҷтимоии Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон

***Мавзуи дархост:*** Иҷрои нақшаи чорабиниҳои аудиторӣ аз 01.01с.2025, №___

***Саволҳои дархост:*** *Пешниҳоди ҳисобот оид ба натиҷаи фаъолият дар соли 2025 ва ғ.*

Мутобиқи моддаи 54 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” роҳбари объекти аудит ё шахсони мансабдори он барои пешниҳод накардани маълумот, ҳуҷҷатҳо ё эҷоди монеаҳо оид ба сари вақт пешниҳод кардани иттилоот ё ҳуҷҷатҳои зарурии дархосткардаи Палатаи ҳисоб ва ё пешниҳоди маълумоти бардурӯғ, ки боиси риоя накардани талаботи қонунии аудитори Палатаи ҳисоб мегардад, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Дархост бояд бетаъхир ичро гардад ва дар муҳлати муқарраргардида ба аудитор хабар дода шавад. Масъулияти назорати иҷрои дархост ба роҳбари объекти аудит вогузошта мешавад.

Бо эҳтиром,

| ____________________ | ____________________ | ________ | ______________ |
|---|---|---|---|
| *(Раис, муовин, сарудитор ё роҳбари гурӯҳ)* | *(Ному насаб)* | *(имзо)* | *(таърихи рӯз)* |

*Дархостро қабул намуд:* ____________________ ________ ______________
*(Ному насаб)* *(имзо)* *(таърихи рӯз)*